ТДУ 636-637

# ТАҲЛИЛИ ОМИЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

**Қурбонова, Ф.К. Қурбонова Ф.К.**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур**

**Калимаҳои асосӣ:** соҳаи чорводорӣ, корхонаҳои кишоварзӣ, омилҳои асосӣ, рушди соҳаи чорводорӣ, саршумори чорвои корхонаҳои кишоварзӣ, маҳсулоти соҳаи чорводорӣ.

Соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз зерсоҳаи асосии соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ баъди соҳаи растанипарварӣ дар ҷои дуюм буда, маҳсулоти ин соҳа 30,5 %- и арзиши ҳамаи маҳсулоти умумии кишоварзиро ташкил медиҳад. Ин соҳа аҳолиро бо гӯшту шир, равған, тухму асал ва саноатро бо ашёи хом, пӯст, пашм, пӯсти қароқулӣ, тибит (пух) ва ғайра таъмин менамояд. Гӯшт, шир, тухм маҳсулоти муҳими соҳаи чорводорӣ буда, сарчашмаи асосӣ барои организми инсон зарур мебошанд. Дар соҳаи чорводорӣ боқимондаҳои соҳаи растанипарварӣ истифода карда шуда, нуриҳои органикӣ - пору ва чалчиқ истеҳсол карда мешавад. Шароити табиӣ аз ҷиҳати иқлим, сифати хок ва набототи гуногуни ҷумҳурӣ барои ташаккул ёфтани намуди зотҳои муайяни ҳайвоноти кишоварзӣ мусоидат мекунад ва рушди он ба таъмини амнияти озукаворӣи мамлакат оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз таҳлили омилҳои асосии рушди соҳаи чорводорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ яке аз масъалаи асосӣ ба шумор меравад.

Чорвои калони шохдор дар соҳаи чорводории корхонаҳои кишоварзӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад, ки аҳолиро бо маҳсулоти пурқимати хӯрока шир ва гӯшт таъмин менамояд. Дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ба парвариши чорвои калони шохдор машғул мебошанд. Парвариши чорвои калони шохдор дар ҳамаи намуди корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои наздиҳавлигии аҳолӣ рушд ёфта истодааст.

Гӯсфанду бузпарварӣ низ зерсоҳаи муҳими соҳаи чорводорӣ буда, маҳсулотҳои гуногун ва пурқимат: гӯшт, думба, шир, пашм, пӯст ва зот медиҳад. Ҳамаи зотҳои гӯсфандпарварӣ аз рӯйи маҳсулоти асосиашон ба маҳинпашм, ниммаҳинпашм ва нимдурушт, гӯшту пашмин ҷудо мешаванд. Дар соҳаи гӯсфанду бузпарварӣ зотҳои гӯсфандони ҳисорӣ, тоҷикӣ, қароқулӣ, маҳинпашм, ҷойдорӣ ва бузи тоҷикии серпашм парвариш карда мешавад.

Дар ҷумҳурии мо гӯсфанди гӯшту равғандори ҳисорӣ ва гӯшту равғану пашмдори тоҷикӣ тараққӣ карда истодааст. Яке аз он гӯсфандони зоти ҳисорӣ мебошад, ки дар натиҷаи меҳнати ҳазорсолаҳо бунёд гардидааст, ватанаш водии Ҳисор, калонтарин гӯсфанд дар дунё мебошад. Вазни қӯчқорҳои 3-4 солааш 120-140 кг, баъзан 195 -220 кг, барраҳои навзод 5-7 кг, барраҳои 5 моҳҳа 40-50 кг, баъзан 50-60 кг, 18 моҳа 70-90 кг, мешаш 75-80 кг-ро ташкил медиҳад.

Барои таҳлили рушди соҳаи чорводории корхонаҳои кишоварзӣ омӯхтани омилҳои (нишондиҳандаҳои) асосии он зарур мебошад. Яке аз онҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ва таносуби он дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Аз маълумоти ҷадвали 1 дида мешавад, ки таносуби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ бо вуҷуди ноустувориаш дар соли 2019 нисбат ба соли 2014 0,9 % ва таносуби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ нисбат ба соли 2014 33% афзоиш ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳаи чорводории корхонаҳои кишоварзӣ бо суръати хуб рушд ёфта истодааст. Омили дигари рушди соҳаи чорводорӣ саршумори чорвои корхонаҳои кишоварзӣ ба шумор меравад. Саршумори чорвои корхонаҳои кишоварзӣ дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1. – Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ (бо нархҳои муқоисавии соли 2019), млн. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳамагӣ | 21490,1 | 22160,3 | 23320,9 | 24911,5 | 25898,7 | 27750,4 |
| Чорводорӣ | 6367,2 | 6825,7 | 7204,3 | 7608,7 | 8015,2 | 8470,7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Таносуби ҳаҷмми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ, % | 29,6 | 30,8 | 30,9 | 30,6 | 30,9 | 30,5 |
| Таносуби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ нисбат ба соли 2014, % | 100 | 107,2 | 113,1 | 119,5 | 125,8 | 133,0 |

**Манбаъ:** ***Ҳисоби муаллифон дар асоси нишондиҳандаҳои омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, саҳ.16***

Таҳқиқот нишон дод, ки саршумори чорвои корхонаҳои кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ тамоили зиёдшавӣ доранд. Масалан, дар соли 2019 нисбат ба соли 2014 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ саршумори чорвои калони шохдор 233,9 азор сар, 10,9%, саршумори гусфанду буз 629,8 ҳазор сар, 12,4%, саршумори асп 3,74 ҳазор сар, 4,8%, саршумори паранда 3788,6 ҳазор сар, 72,1%, саршумори қутос 1,1 ҳазор сар, 4,3% зиёд шудааст.

Дар корхонаҳои кишоварзӣ саршумори чорвои калони шохдор 60,7 ҳазор сар, 20,5%, саршумори гӯсфанду буз 33,3 ҳазор сар, 12,2%, саршумори асп 1,5 ҳазор сар, 29,5% коҳиш ёфта саршумори паранда 3429,4 ҳазор сар, 181,3%, саршумори қутос 0,09 ҳазор сар, 8,2% зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2. - Саршумори чорвои корхонаҳои кишоварзӣ, ҳазор сар**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | Соли 2019 нисбат ба соли 2014 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| **Чорвои калони шохдор** | | | | | | | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | 2128,1 | 2209,1 | 2278,0 | 2317,3 | 2327,5 | 2362,0 | 110,9 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 296,7 | 264,7 | 248,4 | 237,0 | 232,8 | 236,0 | 79,5 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 1969,2 | 2049,0 | 2117,0 | 2154,8 | 2163,0 | 2195,3 | 111,4 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 129,2 | 133,6 | 136,1 | 138,7 | 141,3 | 143,0 | 110,6 |
| **Гӯсфанду буз** | | | | | | | |
| Дар ҳамаи ка-тегорияҳои хоҷагӣ | 5056,6 | 5279,3 | 5456,2 | 5581,5 | 5620,2 | 5686,4 | 112,4 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 273, 0 | 260,6 | 264,0 | 256,4 | 238,0 | 239,7 | 87,8 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 4169,9 | 4334,3 | 4480,0 | 4576,1 | 4596,5 | 4648,3 | 111,4 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 613,6 | 684,3 | 712,1 | 748,8 | 785,7 | 798,3 | 130,1 |
| **Асп** | | | | | | | |
| Дар ҳамаи ка-тегорияҳои х-ҷагӣ | 77,56 | 78,3 | 79,7 | 80,4 | 80,4 | 81,3 | 104,8 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 5,1 | 4,8 | 4,7 | 4,3 | 3,9 | 3,6 | 70,5 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 565,8 | 573,1 | 586,4 | 593,5 | 598,0 | 602,8 | 106,5 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 15,8 | 16,1 | 16,3 | 16,7 | 17,0 | 17,4 | 109,8 |
| **Паранда** | | | | | | | |
| Дар ҳамаи ка-тегорияҳои хоҷагӣ | 5247,9 | 5142,9 | 5051,4 | 5217,0 | 6636,4 | 9036,5 | 172,1 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 1891,1 | 1626,2 | 1303,4 | 1484,2 | 2908,0 | 5320,5 | 281,3 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 3133,8 | 3209,8 | 3404,4 | 3402,4 | 3376,8 | 3316,2 | 105,8 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 222,9 | 306,9 | 343,5 | 330,2 | 351,6 | 399,8 | 179,3 |
| **Қутос** | | | | | | | |
| Дар ҳамаи ка-тегорияҳои хоҷагӣ | 26,1 | 26,2 | 26,6 | 26,6 | 26,9 | 27,2 | 104,3 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,04 | 1,14 | 1,19 | 108,2 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 17,9 | 18,0 | 18,4 | 18,7 | 18,7 | 18,9 | 105,6 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 7,1 | 7,1 | 7,1 | 6,8 | 6,98 | 7,11 | 100,2 |

**Манбаъ:** ***Ҳисоби муаллифон дар асоси нишондиҳандаҳои омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, саҳ. 52-53.***

Дар хоҷагиҳои аҳолӣ саршумори чорвои калони шохдор 226,1 ҳазор сар, 11,4 %, саршумори гӯсфанду буз 478,4 ҳазор сар, 11,4%, саршумори асп 37 ҳазор сар, 6,5%, саршумори паранда 182,4 ҳазор сар, 5,8%, саршумори қутос 1,0 ҳазор сар, 5,6% зиёд шудааст. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад саршумори чорвои калони шохдор 13,8 ҳазор сар, 10,6 %, саршумори гӯсфанду буз 184,7 ҳазор сар, 30,1%, саршумори асп 1,6 ҳазор сар, 9,8%, саршумори паранда 176,9 ҳазор сар, 79,3%, саршумори қутос 0,01 ҳазор сар, 0,2% зиёд шудааст.

Саршумори аз ҳама зиёди чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои аҳолӣ ва аз ҳама кам ба корхонаҳои кишоварзӣ, саршумори аз ҳама зиёди гӯсфанду буз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аз ҳама кам ба корхонаҳои кишоварзӣ, саршумори аз ҳама зиёди асп ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аз ҳама кам ба корхонаҳои кишоварзӣ, саршумори аз ҳама зиёди паранда ба корхонаҳои кишоварзӣ ва аз ҳама кам ба хоҷагиҳои аҳолӣ, саршумори аз ҳама зиёди қутос ба корхонаҳои кишоварзӣ ва аз ҳама кам ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд (ҷадвали 2).

Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ яке аз нишондиҳандае мебошад, ки рушди корхонаҳои кишоварзиро нишон медиҳад ва он дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Аз маълумоти ҷадвали 3 маълум мегардад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ғайр аз пилла дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ тамоили зиёдшавӣ доранд. Масалан, дар соли 2019 нисбат ба соли 2014 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ истеҳсоли гӯшт 73768 тонна, 37,1%, шир 145826 тонна, 17%, тухм 375650 ҳазор дона, 107,3%, пашм 995 тонна, 14,6% афзоиш ёфта истеҳсоли пилла 329 тонна, 30% коҳиш ёфтааст. Дар корхонаҳои кишоварзӣ истеҳсоли гӯшт 5299 тонна, 125,4%, шир 429 тонна, 2,6%, тухм 322982 ҳазор дона, 145%, афзоиш ёфта истеҳсоли пашм 40 тонна 9,8%, пилла 128 тонна, 49,1% коҳиш ёфтааст. Дар хоҷагиҳои аҳолӣ истеҳсоли гушт 61973 тонна, 33%, шир 137562 тонна, 17%, тухм 50660 ҳазор дона, 41,9%, пашм 713 тонна, 12,7% афзоиш ёфтааст. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад истеҳсоли гушт 6498 тонна, 91,6%, шир 7835 тонна, 25,3%, тухм 2008 ҳазор дона, 31,1% , пашм 322 тонна, 40,6% афзоиш ёфта истеҳсоли пилла 247 тонна, 29,7% коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 3. - Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, тонна**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | Соли 2019 нисбат ба соли 2014 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| **Гушт** | | | | | | | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | 198753 | 217701 | 233329 | 248769 | 261927 | 272521 | 137,1 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 4224 | 4163 | 3755 | 3717 | 3954 | 9523 | 225,4 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 187439 | 206120 | 221412 | 236119 | 246897 | 249412 | 133,0 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 7090 | 7418 | 8162 | 8933 | 11076 | 13586 | 191,6 |
| **Шир** | | | | | | | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | 854737 | 888960 | 917990 | 949972 | 983053 | 1000563 | 117,0 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 16432 | 15913 | 16151 | 16798 | 16338 | 16861 | 102,6 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 807369 | 840107 | 867851 | 897337 | 929204 | 944931 | 117,0 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 30936 | 32940 | 33987 | 35837 | 37511 | 38771 | 125,3 |
| **Тухм** | | | | | | | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | 350045 | 357241 | 337153 | 341400 | 450284 | 725695 | 207,3 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 222945 | 225690 | 173648 | 151283 | 259166 | 545927 | 245,0 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 120661 | 126677 | 155761 | 178811 | 179930 | 171321 | 141,9 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 6439 | 4874 | 7744 | 11307 | 11188 | 8447 | 131,1 |
| **Пашм** | | | | | | | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | 6776 | 7033 | 7304 | 7522 | 7638 | 7771 | 114,6 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 409 | 367 | 327 | 372 | 342 | 369 | 90,2 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 5575 | 5813 | 6013 | 6207 | 6224 | 6288 | 112,7 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 792 | 853 | 964 | 943 | 1072 | 1114 | 140,6 |
| **Пилла** | | | | | | | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | 1097 | 835 | 869 | 910 | 738 | 768 | 70,0 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 261 | 163 | 162 | 155 | 133 | 133 | 50,9 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | - | - | - | - | - | - | - |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 836 | 672 | 665 | 711 | 557 | 589 | 70,3 |

**Манбаъ:** ***Ҳисоби муаллифон дар асоси нишондиҳандаҳои омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, саҳ. 55-56.***

Занбури асалпарварӣ низ яке аз соҳаи муҳим дар корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Асал, гард, прополис, шири модарзан бӯр ва захри занбӯри асал аз маҳсулоти серталаби ғизоӣ ва воситаҳои беҳтарини табобатӣ мебошанд. Зарурати соҳаро ба эътибор гирифта, соли 2006 бо пешниҳоди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаи воҳиди давлатии «Асали Тоҷикистон» таъсис дода шуд ва ҳамзамон «Барномаи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи занбӯрпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Истеҳсоли асал дар корхонаҳои кишоварзӣ дар ҷадвали 4 нишон дода шудааст.

Аз маълумоти ҷадвали 4 маълум мегардад, ки истеҳсоли асал дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ тамоили зиёдшавӣ доранд. Масалан, дар соли 2019 нисбат ба соли 2014 дар ҳамаи

категорияҳои хоҷагӣ истеҳсоли асал 500 ҳазор тонна, 13,4%, дар корхонаҳои кишоварзӣ 36 ҳазор тонна, 37,5%, дар хоҷагиҳои аҳолӣ 467 ҳазор тонна, 13,8 афзоиш ёфта дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад 3 ҳазор тонна, 1,2% коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 4. - Истеҳсоли асал дар корхонаҳои кишоварзӣ, ҳазор тонна**

| Категорияҳои хоҷагӣ | Солҳо | | | | | | Соли 2019 нисбат ба соли 2014 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | 3715 | 3853 | 3996 | 4101 | 4182 | 4215 | 113,4 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 96 | 96 | 98 | 88 | 98 | 132 | 137,5 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 3362 | 3512 | 3650 | 3760 | 3835 | 3829 | 113,8 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 257 | 245 | 248 | 253 | 249 | 254 | 98,8 |

**Манбаъ:** ***Ҳисоби муаллифон дар асоси нишондиҳандаҳои омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, саҳ. 56.***

Соҳаи моҳипарварӣ дар давраи таҳқиқот рӯ ба афзоиш аст. Бояд зикр кард, ки дар соли 2014 дар миқёси ҷумҳурӣ 8 адад хоҷагиҳои моҳипарварӣ фаъолият дошт, ки онҳо 225 тонна моҳӣ истеҳсол менамуданд. Соли 2019 шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба 220 адад ва истеҳсоли маҳсулоти моҳӣ 2023,3 тонна расонида шуд, ки нисбат ба соли 2014 мутаносибан миқдори хоҷагиҳо 213 адад ва истеҳсоли моҳӣ 1518,8 тонна зиёд гардидааст. Майдони умумии хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба 5961,01 гектар ва майдони оинаи обиашон ба 2720,19 гектар расидааст, ки нисбат ба соли 2008 мутаносибан 222,6 ва 173,4 фоиз зиёд мебошад [1, 56]. Ҳамин тариқ, аз натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳои асосии соҳаи чорводорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ аён гашт, ки рушди соҳа дар доираи татбиқи чорабиниҳои барномаи давлатӣ оид ба «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» сурат гирифта истодааст. Таҳқиқот нишон дод, ки сол то сол нишондиҳандаҳои асосии соҳаи чорводорӣ бо суръати муайян афзоиш ёфта истодааст, ки ин аз рушди соҳа шаҳодат дода, вай метавонад барои таъмини амнияти озуқавории мамлакат саҳмгузор бошад.

## АДАБИЁТ:


1. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон.-Душанбе.-2020. - 353 с.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» аз 27 марти соли 2018, № 160.


## АННОТАЦИЯ

## АНАЛИЗ ОСНОВНЫХ ФАКТОРОВ РАЗВИТИЯ ЖИВОТНОВОДСТВА В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ


В статье рассматривается анализ основных факторов развития животноводства в сельскохозяйственных предприятиях. Авторы подтверждают, что анализ ключевых показателей животноводства в сельскохозяйственных предприятиях показывает, что развитие отрасли происходит в рамках государственной программы «Комплексная программа развития животноводства в Республике Таджикистан на 2018-2022 годы». Исследование показало, что основные показатели сектора животноводства, из года в год, растут быстрыми темпами, что свидетельствует о развитии сектора, что может способствовать обеспечению продовольственной безопасности в стране.



**Ключевые слова**: животноводство, сельскохозяйственные предприятия, основные факторы развитие животноводства, поголовье, государственная программа, обеспечение.


## ANNOTATION

## ANALYSIS OF THE MAIN FACTORS OF LIVESTOCK DEVELOPMENT IN AGRICULTURAL ENTERPRISES


**In** the article examines the analysis of the main factors of livestock development in agricultural enterprises. The authors confirms that the analysis of key indicators of livestock in agricultural enterprises shows that the development of the industry takes place within the framework of the state program "Complex program of livestock development in the Republic of Tajikistan for 2018-2022". The research is showed that the main indicators of the livestock sector are growing rapidly from year to year, which indicates the development of a sector that can contribute to ensuring food security in the country.



**Key words:** livestock, government program, main factors, livestock development, agricultural enterprises, livestock products.


**Сведение об авторах:**

**Қурбонова Фарзона Кенҷаевна,** ассистент кафедры маркетинг и агробизнес Таджикского аграрного университета имени Ш.Шоҳтемур, 734003, Таджикистан. г.Душанбе, пр. Рудаки, 146.
**Қурбонова Фируза Кенҷаевна,** ассистент кафедры менеджмент и предпринимательства Таджикского аграрного университета имени Ш.Шоҳтемур, 734003, Таджикистан. г.Душанбе, пр. Рудаки, 146.